«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
_______ Ибодуллозода А.
«___» ____________ 2023 с.

## Хулоса

Аз ҷаласаи муттаҳидаи кафедраҳои методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Диссертатсияи Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич дар мавзӯи: **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»,** дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич 10-уми августи соли 1972 дар деҳаи Буваки ноҳияи Варзоб дар оилаи коргар таваллуд шудааст. 5-уми июли соли 1994 Донишгоҳи давлатии омӯзгории ш. Душанбе ба номи Қ.Ш. Ҷӯраевро бо ихтисоси муаллими фанни география – биология хатм намудааст.

Дар давоми тайёр кардани диссертатсия дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолияти меҳнатӣ намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ, таҳти № 04249 аз 22-юми апрели соли 2021, аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба ӯ супорида шудааст.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ** бо он асоснок карда шудааст, ки дар ҷаҳони муосир муносибатҳои ҷамъиятӣ, хусусан муомилот дар бозори меҳнат мураккаб ва тезутунд гардида, фаъолиятҳои инсон бештар хосияти ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ касб намуда истодааст ва ин фаъолиятҳо танҳо бо доштани салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, ки ташаккулёбиашон ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ сар мешавад, имконпазир мегардад. Оиди ташкил ва ба танзим даровардани фаъолиятҳои мустақилонаи хонандагони хурдсол баҳри ташаккул ва инкишоф додан маҳорату малака ва салоҳияҳои таҳқиқотии онҳо дар як қатор ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ , ба монанди Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (аз 30-юми июни соли 2012) , Стандартҳои фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, модули «Татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ»,

Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ барои солҳои 2018-2020 ва 2020-2040, Омӯзиши системанок дар таълими табиатшиносӣ ва ғ. ишораҳо гардида бошанд ҳам, вале ин пешниҳодҳо то ҳол ба қадри зарурӣ мавриди таҳлили назариявӣ қарор нагирифтаанд. Дар таҷрибаи ташкили фаъолиятҳои берунази синфии таҳқиқотии хонандагон, бо таври нокифоя омӯхта шудани проблемаҳои ташаккулёбии маҳорату малака ва салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол ва шароити ҳамгироии фаъолиятҳои лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ дар системаи таҳсилоти ибтидоӣ, дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Маориф, Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти иловагӣ ва стандартҳои таҳсилот боқӣ монда, нерӯи инкишофдиҳандаи фаъолиятҳои беруназдарсӣ дар раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дуруст баҳогузорӣ нашудааст.

Ҳангоми ба синфи якӯм қадам гузоштан дар кӯдак на танҳо фаъолиятҳои таҳлилӣ-муқоисанамоӣ (қиёсӣ) нисбати ҳодисаю ашёҳо ташаккул меёбад, балки имконияти фикррони мантиқӣ ва ҷобаҷогузории фикрҳо, низ пайдо мешавад. Фаъолиятҳои таҳқиқотии кӯдак характери илмӣ ва мақсаднокона пайдо карда, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор ҳосил шуда, тарзҳои амали фардиаш ба одат табдил ёфта, дорои таҷрибаи шахсӣ мешавад, ки онҳо аз шароити асосии ташаккулёбии маҷмӯи салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ба шумор мераванд.

Ҳамин тавр инкишофи босуръати тафаккур, дар кӯдак дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, марҳила ба марҳила пешгӯикунандаи ташаккулёбии муваффақонаи салоҳияти таҳқиқотии кӯдак ба хисоб рафта заруриятеро ба миён овардааст, ки аломатҳо ва хосиятҳои салоҳиятҳои номбаршударо дар хонандаи хурдсол муайян карда, шароити беҳтар ва қулайи ташаккулёбии онҳоро тахия ва ташкил намоем.

**Дарачаи омӯзиши мавзӯъ:** Таҳлили адабиётҳои психологию педагогӣ моро ба хулосае овард, ки дар илми педагогика проблемаи муайян кардани асосҳои назариявии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол дар раванди таълими табиатшиносӣ, фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ нав набуда доимо дар таҳти омӯзиш ва таҳқиқ қарор доштааст.

Вобаста ба ғояҳои пешниҳодшаванда мо самтҳои зерини таҳқиқотҳоро муайян намудем:

Самти аввалро таҳқиқотҳое ташкил медиҳанд, ки моҳият ва сохтори салоҳияти таҳқиқотиро бо назардошти тамоили таҳқиқотӣ ошкор мекунанд (Зимняя И.А., Лутфуллоев М., Хуторской А.В., Сергеев А.Г., Поддяков А.Н.), ҷузъиёти фаъолияти таҳқиқотиро (Давидов В.В., Зимняя И.А., Казанцева Л.А.,), аз он ҷумла фаъолияти таълимӣ- таҳқиқотиро (Андреев В.И., , Матюшкин А.М., Селевко Г.И.) баррасӣ намуда омили асосии инкишофи салоҳиятҳои таҳқиқотиро дар фаъолиятҳои таълимии характери

таҳқиқотидошта мебинанд (Хуторской А.В ,О.Г. Проказова, Н.А. Семенов, Раҷабов Т.Б.).

Самти дуюми таҳқиқотҳо ба муайян кардани хосиятҳои меъёрии салоҳиятҳои зарурӣ дар хонандаи хурдсол, (А.Г.Сергеев, Г.П.Савина, О.А. Салникова, Г.В. Макотрова,), таҳлили имкониятҳои эҷодӣ ва муайян кардани дараҷаи инкишофёбии салоҳиятҳои тадқиқотии онҳо (Игошин В.И., В.И.Андреев, А.М. Матюшкин, П.И. Пидкасистий) бахшида шуда аст.

Самти сеюми таҳқиқотҳо, ошкоркунандаи дурнамо ва муайянкунандаи захираи нерӯи фаъолияти беруназдарсӣ, дар ташаккулёбии салоҳиятҳои тадқиқотии хонандаи хурдсол ба шумор рафта, ҳамчунин: қоидаҳои алоҳида, муносибатҳо, шаклҳо, методҳои ташкили корҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ ва мақоми онҳоро дар низоми кори тарбиявии муассисаи таълимӣ дида баромадаанд (И.П. Иванов, В.А. Караковский, В.С. Селиванов).

Самти чоруми таҳқиқотҳо ба муайян кардани аҳамияти фаъолиятҳои беруназсинфиииии хонандагон бахшида шудааст (Бегимов Ҳ.Х., Егорова Т.А., Рамазонова Р.М., Е.Д. Дементева, Содиқов А., Каримов Б).

Самти панҷуми таҳқиқотҳо, фаъолиятҳои илмии олимони педагог ва психологи тоҷикро дар ҷодаи ташаккулбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагон дар бар мегирад, ки дар асосан дар самтҳои забоншиносӣ ва фанҳои риёзию табиӣ ҷараён гирифтааст (Байзоев А., Бегимов Ҳ.Х., Гулаев И.Х., Каримзода М.Б., Лутфуллозода М., Бобизода Ғ., Имомназаров Д., Мухторӣ, Қ., Алимов С. Ш. Ҷалилова М., Бадалова М. Табаров Д.Д.)

То ҳол дар самти таҳқиқи шароит ва аломату хусусиятҳои ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони сифҳои ибтидоӣ дар мавриди истифодаи озмоишҳои хонагӣ таҳқиқоти муфассале сурат нагирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот**: - коркарди асосноки назариявию амалии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими табиатшиносӣ ва корҳои беруназдарсӣ, махсусан озмоиши хонагӣ аз табиатшиносӣ мебошад.

**Объекти таҳқиқот:** - корҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар раванди таълими табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

**Предмети таҳқиқот:** - тарзу воситаҳои самараноки ташкили озмоишҳои хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ, ки боиси ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотӣ мегарданд.

**Натиҷаҳои** таҳқиқотро метавон дар рафти таҳияи курсҳои лексионии фанни методикаи таълими табиатшиносӣ дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои педагогие, ки барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ мутаххасис тайёр мекунанд, курсҳои махсуси такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва таҳсилоти иловагӣ, семинарҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии фанни табиатшиносӣ, таёрии касбии муаллимонони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ва корҳои лоиҳавии хатм истифода намуд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда хулосаҳои зарурӣ бароварда шуда ба муаллимон ва кормандони шӯъбаҳои

маориф, донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи таҳсилот тавсияҳои илмӣ-амалӣ дода шуд.

Маълумотҳои дар диссертатсия овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки нақши фаъолиятҳои беруназсинфии таълимӣ, махсусан озмоишҳои хонагӣ дар самти ба маҷрои зарурии таълимӣ равона кардани фаъолиятҳои мустақилонаи кӯдак дар хона аҳамияти калони таълимӣ-тарбиявӣ дошта, боз масъалаҳоеро ба миён овардааст, ки таҳқиқоти тозаро дар илмҳои педагогӣ тақозо мекунанд.

Самаранок будани озмоишҳои хонагӣ дар раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол, ҳамчун ҳадафи асосии раванди таҳсилоти ибтидоӣ исбот гардида, нақши он дар инкишофи мустақилияти шахсияти кӯдак муайян гардидааст.

Исбот гардидааст, ки яке аз омилҳои сатҳи пасти ташаккулёбӣ ва дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтани салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол, истифода нагардидани нерӯи бузурги инкишофдиҳандаи фаъолиятҳои беруназсинфию озмоишҳои хонагӣ, ҳамгиро набудани ин фаъолиятҳо мебошад. Бинобар ин инкишофи салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ва шахсияти кӯдак дар зинаи ибтидоӣ ва зинаҳои минбаъдаи таҳсилот, бевосита аз истифодабарии тавсияҳои додашудаи таҳқиқоти диссертртатсионии мазкур вобаста мебошад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот иборат аст аз:**

- мазмун ва мундариҷаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносии синфҳои ибтидоӣ аниқ ва дақиқ карда шуд;
- имкониятҳои озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносии синфҳои ибтидоӣ, ки боиси ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мегардад муайян гардиданд;
- роҳу усулҳои самараноки ташкили озмоишҳои хонагӣ аз табиатшиносӣ, ки боиси баландшавии сифати таълим мегарданд ошкор гардид;
- роҳҳои методии пешниҳод гардида, ки ба шавқманд гардонидани хонандагони хурдсол ба фанҳои табиатшиносӣ нигаронида шудаанд, амалан санҷида шуд.

**Аҳамияти назариявии** натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:

-дараҷаи имкониятҳои фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагии хонандагонии хурдсол дар ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотиашон, дар мутобиқат бо барномаи таҳсилоти ибтидоӣ, исбот гардид;

- барои ташакулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол системаи қоидаҳои ташкили фаъолиятҳои беруназдарсӣ дар шакли озмоишҳои хонагӣ самаранок истифода гардид, ки кушояндаи роҳҳои коркарди самтҳои фардии маълумотгирии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ бо такя ба таҷрибаи субективии шахсии кӯдак мувофиқ дониста шуд;

-шартҳои амалинамоии нерӯи ташаккулдиҳандаи фаъолиятҳои беруназсинфии хонандаи хурдсол дар шакли озмоишҳои хонагӣ дар раванди ташаккулёбии салоҳоиятҳои таҳқиқотиашон баён гардид, ки давом додани таҳқиқотро барои мувофиқ гардонии ин фаъолиятҳо дар сохтори таҳсилоти ибтидоӣ тақозо мекунад;

- хусусиятҳои меъёрӣ-дараҷавии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол муайян гардиданд, ки имконияти кушодани динамикаи рушди онҳоро аз пайдошавии шавқи устувор барои аз худ кардани малакаҳо ва истифодаи он малакаҳо дар ҳаёти воқеиашон, коркарди тарзҳои ташхиси онҳо ва тарҳрезӣ намудани ташаккулёбии онҳоро медиҳад;

- алоқамандии фаъолиятҳои таълимии беруназсинфии хонандаи хурдсол дар шакли озмоишҳои таҳқиқотии мустақилона дар хона бо воситаи иҷро намудани як қатор лоиҳаҳои таҳқиқотӣ омӯхта шуд, ки нишондиҳандаи роҳҳои амалинамоии муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим дар зинаи ибтидоии таҳсилот ба шумор меравад.

- фаъолиятҳои беруназсинфии хонандаи хурдсол дар шакли озмоишҳои хонагӣ, ки ба ташакулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотиашон дар зинаҳои гуногун (шавқмандӣ-тайёрӣ, фаъолиятӣ-ҷустуҷӯӣ, баҳогузорӣ-натиҷагирӣ) нигаронида шуда буданд ташкил карда шуда, мақсадҳо ва вазифаҳо мазмунан ва комилан муайян гардонида шуда, методҳои дар зинаҳои алоҳидаи ташаккулёбии салоҳиятҳо истифодагардида асоснок гардонида шуда, самаранокии истифодаи нерӯи фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ дар раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол исбот гардиданд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот:** - пайгирии меъёрӣ-ташхисии раванди ташаккулёбии малакаҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол, ҳамчунин маҷмӯъи методҳои баҳогузории сатҳи ташаккулёбии салоҳиятҳо, ба муаллим имконият медиҳад, ки дараҷаи маълумотгирии хонандаро ташхис, коркард ва амалӣ намуда масири рушди бонизоми кӯдакро таҳия ва татбиқ намояд.

- системаи воситаҳои ташаккулёбии малакаҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол дар шароити корҳои беруназдарсӣ ва махсусан, озмоишҳои хонагӣ муайян ва тасдиқ гардиданд;

- модели фаъолияти беруназдарсӣ ва мустақилонаи хонагии хонандаи хурдсол ба муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар ҷодаи ба нақшагирии барномаҳои корҳои берунидарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ ёрии амалӣ расонида метавонад.

- барномаи курси фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва озмоишҳои хонагӣ бо мақсади ташаккул додани салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол, барои синфҳои 1-4 пешниҳод гардид.

Натиҷаҳои ба даст омадаро метавонанд муаллимони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, муаллимони муасиссаҳои таҳсилоти иловагӣ бо таври васеъ истифода намоянд ва барои ҷустани роҳҳои нави халли мушкилоти педагогии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол дар шароити фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ, дар фаъолиятҳои амалии таҳсилоти ибтидоии муосир асос намоянд.

**Ғояҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод мешавад**:

1. Салоҳиятҳои тадқиқотии хонандагони хурдсол, ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ, дар худ амалинамоии фаъолиятҳои ақлонӣ ва амалиро дар ҷодаи мустақилона ҷустани роҳи ҳалли проблемаи таҳқиқотӣ дар сатҳи барои кӯдак дастрас, бо мақсади ба даст овардани донишҳои нави субъективиро таҷассум намуда, барои ташаккулёбии фаъолиятҳои универсалии таълимӣ, чун замина хидмат менамояд.

2. Ташаккулёбии салоҳиятҳои тадқиқотии хонандагони хурдсол марҳиланок гузашта давраҳои зеринро дар бар мегирад:

1) давраи мутобиқшавӣ (паст)- ҳосилшавии шавқи ноустувор ба фаолиятҳои таҳқиқотӣ-таълимӣ;

2) давраи маҳсулнокӣ(миёна) - ҳосилшавии шавқи устувор ба фаолиятҳои таҳқиқотӣ-таълимӣ;

3) давраи эҷодкорӣ (баланд) - ҳосил шудани маҷмӯи салоҳиятҳое, ки имконияти ҷустани мустақилонаи донишҳои нав, ҳосилшавии салоҳиятҳои аслӣ, ташкил ва таҳияи шароити гузаронидани таҳқиқот ва озмоишро дар бар мегирад;

3. Нерӯи фаъолиятҳои беруназдарсӣ дар ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар функсияҳои зеррини он зоҳир мешавад:

а). таълимӣ - таълими кӯдак аз рӯи барномаҳои таълимии иловагӣ, гирифтани донишҳои нави соҳавие, ки кӯдак ба онҳо шавқманд аст.

б) тарбиявӣ - азхудкунӣ ва бойгардонидани таҷрибаи иҷтимоӣ;

в) эҷодӣ - сохтани низоми ӯҳдабароёна барои амалинамоии имкониятҳои фардии эҷодии кӯдак;

г) ҷубронӣ - пуранамоӣ ва такмилдиҳии салоҳиятҳое, ки дар фаъолиятҳои таълимии синфӣ суст ташаккул меёбанд ё умуман ташаккул намеёбанд;

ғ) ҳамгироӣ - сохтани фазои ягонаи фаъолияти таълимии синфӣ бо фаъолиятҳои таълимии беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ;

д) интиқолӣ - имконпазирии истифодаи салоҳиятҳои азхудкардашуда дар ҳаёти воқеӣ.

**Саҳеҳияти натиҷаҳои тадқиқот:**

- бо натиҷаҳои ниҳоии методологии асосноки назарияи пешниҳодшуда тасдиқ гардид;
- бо мақсади ҳалли порблеммаи гузошташуда, аз методҳои ташхисии гуногун истифода шуд;
- системаи методҳои мувофиқи таҳқиқотӣ коркард ва истифода гардид;
- низоми самараноки арзёбӣ намудани дараҷаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ коркард ва истифода гардид;
- натиҷаҳо таҳқиқот дар гӯруҳҳои озмоишӣ ва гурӯҳҳои санҷишӣ, таҷдид гардида аз санҷиши такрорӣ гузаронида шуд;
- самаранокии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол дар шароити озмоишҳои хонагӣ исбот гардид.

**I. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дар КОА назди Президенти Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон ба қайдгирифташуда чоп шудаанд:**

1. Табаров Д.Д. Баъзе проблемаҳои ташаккул додани салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои Табиатшиносӣ / Д.Д.Табаров, Алимов С.Ш. // «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» №1(1) соли 2020. С. 128 - 129.
2. Табаров Д. Д. Баъзе проблемаҳои таълими салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ / Д.Д. Табаров, С.Ш. Алимов, М. Гулова, Д.Т., Нуруллоева // «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» № 2(2), соли 2020. С. 27-32.
3. Табаров Д.Д. Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди гузаронидани таҷрибаҳои мустақилона дар хона аз фанни Табиатшигосӣ / Д.Д. Табаров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ №5-2(77), 2018. С. 66-69.
4. Табаров Д.Д. Пайгирӣ ва дастгирии психологии хонандагон дар марҳилаи гузариш аз синни кӯдакӣ ба синни наврасӣ / Д.Д. Табаров, З.Х. Кенҷаева // «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» № 3(3) соли 2020. С. 122-127.
5. Табаров Д.Д. Омилҳои ташаккулдиҳандаи тафаккур ва шахсияти хонандаи хурдсол дар раванди дарсҳои табиатшиносӣ / Д.Д. Табаров // «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ», № 3(3) соли 2020. С. 173-179.
6. Табаров Д.Д. Фаъолияти таҳқиқотии хонандагони хурдсол ва шароити инкишофдиҳии он/ Д.Д. Табаров // «Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ», № 3-4 соли 2021. Саҳ. 92-99.
7. Табаров Д.Д.Баъзе мулоҳизаҳо оид ба дарсҳои Табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар шароити гуманизатсияи таҳсилот/ Д.Д. Табаров // «Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ», № 3 соли 2022. Саҳ. 154-161.
8. Табаров Д.Д. Инкишофи фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди гузаронидани озмоишҳо аз фанни табиатшиносӣ/ Д.Д. Табаров // «Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ», № 3 соли 2022. Саҳ. 193-161.
9. Табаров Д.Д. Проблемаи фаъолияти таҳқиқотӣ дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим дар синфҳои ибтидоӣ / Д.Д. Табаров Т.Б. Раҷабов, Ҷ. Мансурова// "Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон", №8, 2023 саҳ. 271-277.
10. Табаров Д.Д. Методикаи ташкил ва гузаронидани озмоишҳо дар дарсҳои табиатшиносӣ дар мавзӯи омӯзиши хосиятҳои об бо мақсади инкишоф додани фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол/ Д.Д. Табаров Т.Б.// "Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон", №2, 2024 саҳ. 261-268.

**II. Мақолаҳое, ки дар дигар журнал ва нашриёҳо чоп шудаанд:**

1. Табаров Д.Д..Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои хурди мактабӣ дар рафти корҳои мустақилонаи беруназсинфӣ аз фанни Табиатшиносӣ / Д.Д.Табаров, С.Ш. Алимов, С.Р. Пирова // Маводи конференсияи

ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои тамоили салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии синфҳои ибтидоӣ Душанбе -2019. С. 211-216.

2. Табаров Д.Д. Рушди маҳорату малакаҳои озмоишӣ- таҳқиқоти омили асосии ташаккулёбии садоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол / Д.Д. Табаров, С.Ш. Алимов, М.С. Шарипова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои тамоили салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии синфҳои ибтидоӣ Душанбе -2019. С. 254-259.

3. Табаров Д.Д. Методикаи ташаккул додани салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарси Табиатшиносӣ / Д.Д. Табаров // Таҳқиқи таълими тафриқа. Маҷмуи мақолаҳои конференсияиилмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ба муносибати 30-солагии таъсиси кафедраи «Методикаи таълими химия» дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва 80-солагии академик Убайд Зубайдов, 18-уми апрели соли 2019., С. 128-131.

4. Табаров Д.Д. Фаъолияти таҳқиқотӣ ва нақши он дар ташаккули шахсияти кӯдак / Д.Д. Табаров, Ш. Маматқулова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон бахшида ба 30-солагии истиқлолият ва 90-солагии донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тахти унвонӣ «Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир» , 20 ноябри соли 2020. С. 226-232.

5. Табаров Д.Д. Марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол, дар раванди корҳои мустақилона аз фанни табиатшиносӣ / Д.Д. Табаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон бахшида ба 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақик ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040), 5500 солагии Саразми бостонӣ ва 700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ, 20-25 апрели соли 2020. С. 32 – 35.

6. Табаров Д.Д. Ташкили мушоҳида дар табиат ва нақши он дар ташаккулёбии шахсияти кӯдакони синни томактабӣ / Д.Д. Табаров // Материалы 1 Международной научно-практической интернет-конференции «Евразийское пространство в мировой цивилизации» – Нур-Султан – 2021. С.56-59.

7. Табаров Д.Д. Методикаи ташаккулдиҳии салоҳиятҳои иқтисодии мактаббачагони хурдсол дар дарсҳои табиатшиносӣ / Д.Д. Табаров // Нақши донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ ва рушди низоми маориф. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30 солагии Истиқлоияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90 солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ(24-25 декабри соли 2021) с. 238-244.

8. Табаров Д.Д. Методикаи истифодаи корҳои беруназсинфӣ дар дарсҳои табиатшиносӣ/ Д.Д.Табаров // Конференсияи илмӣ-амали ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айгӣ бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣдар соҳаи илму маориф(солҳои 2020-2040), 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90 солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва ба ифтихори Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ. – Душанбе 2021. С. 115- 117.

9. Табаров Д.Д. Пиряхҳо ҳассостарин омили тағйирёбии иқлим /Д.Д. Табаров// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назаривӣ бахшида ба "Оқилонаи истифодабарии табиат ва ҳифзи муҳити атроф дар шароити тағйирёбии иқлим" Душанбе – 2023. С. 85 – 92.

Диссертатсияи Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич дар мавзуи: **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»,** ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 13.01.02 – назария ва методикаи таълим ва тарбия (табиатшиносӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса дар ҷаласаи муттаҳидаи кафедраҳои Методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, Педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ ва Методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, аз 23-юми майи соли 2023 бароварда шуда аст.

Иштирок карданд 29 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» – 29 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Қарор қабул карда шуд.

Раисикунанда:
Д.и.ф., дотсент, мудири кафедраи
Методикаи таҳсилоти ибтидоии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон номи Садриддин Айнӣ Ғаффоров А.О.

Котиб:
номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. дотсент Фозилов С.М.

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121 тел.:
+992 (37) 2241383 .
Сайти **ДДОТ ба номи С. Айнӣ** www. tgpu. tj

Имзои д.и.ф., дотсент, мудири кафедраи
методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон номи
Садриддин Айнӣ Ғаффоров А.О. ва н.и.п.,
мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои
ибтидоӣ, Фозилов С.М.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори РК ва КМ
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.